**Дастурамал**
**оиди пур кардани шакли № 21– маҳсулоттайёркунӣ**
**«Ҳисобот дар бораи фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ»**

Ҳисоботи шакли №21 – маҳсулоттайёркуниро ҳамаи корхонаҳои кишоварзӣ сарфи назар аз шакли моликияташон бо ҷамъи афзоянда аз аввали сол дар асоси ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ дар бораи фурӯши маҳсулот пур карда ба мақомоти омори маҳаллӣ дар рӯзи ҳисоботӣ бо усули электронӣ пешниҳод менамоянд.

Маҳсулотҳое, ки фурӯхта шудааст дар сутуни 1 миқдор ва сутуни 2 арзиш ба ҳисоби сомонӣ нишон дода мешавад. Аз он ҷумла бо роҳу воситаҳои савдо алоҳида нишон дода мешавад:

а) ба ташкилотҳои маҳсулоттайёркунӣ бо якчоягии савдо тавассути алоқаҳои бевосита (ба кооператсияи матлубот, ШТК-ҳо, РТК-ҳо).

б) дар бозорҳо, ярмаркаҳо, ба воситаи мағоза, хайма, дӯконҳои хурд, дар биржаҳо, музоядаҳо.

в) дигар воситаҳои фурӯш.

Дар сутуни «А» ҳамаи намудҳои маҳсулотҳои растанипарварӣ ва чорводорӣ алоҳида номбар карда шудааст.

Арзиши умумии маҳсулотҳои растанипарварӣ дар сатри 130 ва чорводорӣ дар сатри 220 ва ҳамагӣ маҳсулоти растанипарварӣ ва чорводорӣ дар сатри 230 сутунҳои 2,4,6,8, ҷамъ мешавад.

Ҳисобот бо имзои роҳбар ва сармуҳосиб дар мӯҳлатҳои муайяншуда ба мақомоти омори ноҳия (шаҳр) пешниҳод карда мешаванд.

Шахси имзокунанда барои эътимоднокии маълумотҳои ҳисобот ва дар сари вақт пешниҳод намудани он ҷавобгар аст.